# ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ

**Қонунҳои федералӣ, ки ҷавобгарӣ барои фаъолияти экстремизм ва терроризмро танзим мекунанд**

| Қонуни федералӣ аз 25 июли соли 2002 № 114-ФЗ **«Дар бораи муқовимат бар зидди фаъолияти экстремистӣ»** | Қонуни федералӣ аз 6 марти соли 2006 № 35-ФЗ **«Дар бораи муқовимат бар зидди терроризм»** | **Кодекси Федератсияи Россия дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ** | **Кодекси Ҷиноии Федератсияи Россия** |
|---|---|---|---|

## Экстремизм (фаъолияти экстремистӣ)

## ИН

- тағйирдиҳии зӯроваронаи асосҳои сохтори конститутсионӣ ва вайронкунии ягонагии Федератсияи Россия;
- сафедкунии оммавии терроризм ва фаъолияти дигари террористӣ;
- барангехтани ҷудоихоҳии иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ё ки динӣ;
- ташвиқоти имтиёзнокӣ, бартарият ё ки нопуррагии одам аз рӯи аломати мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ динӣ ё ки забонии ӯ ё ин ки муносибати ӯ ба дин;
- вайронкунии ҳуқуқҳо, озодӣ ва манфиатҳои қонунии одам ва шаҳрванд дар вобастагӣ ба мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ динӣ ё ки забонии ӯ ё ин ки муносибати ӯ ба дин;
- монеъгӣ кардан ба аз ҷониби шаҳрвандон амалӣ карда шудани ҳуқуқҳои интихобӣ ва ҳуқуқ ба иштирок дар раъйпурсӣ ё ки вайронкунии асрори овоздиҳии пайвастшуда бо зӯроварӣ ё ки таҳдиди татбиқи он;
- монеъгӣ кардан ба фаъолияти қонунии мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, комиссияҳои интихоботӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё ки динӣ ё ин ки ташкилотҳои дигар, ки бо зӯроварӣ ё ки таҳдиди татбиқи он пайваст шудааст;
- истифодабарии аломатҳо ё ки нишонаҳои натсистӣ, ё ин ки аломатҳо ё ки нишонаҳои монанд бо аломатҳо ё ки нишонаҳои натсистӣ то дараҷаи омехтагӣ, ё ки аломатҳо ё ки нишонаҳои ташкилотҳои экстремистӣ, бо истисно аз истифодабарии аломатҳо ё ки нишонаҳои натсистӣ, ё ки аломатҳо ё ки нишонаҳои монанд бо аломатҳо ё ки нишонаҳои натсистӣ то дараҷаи омехташавӣ ё ки аломатҳо ё ки нишонаҳои ташкилотҳои экстремистӣ, ки дар ин ҳолат муносибати манфӣ нисбат ба идеологияи натсизм ва экстремизм ташаккул меёбад ва аломатҳои ташвиқот ё ки сафедкунии идеологияи натсистӣ ва экстремистӣ мавҷуд надошта бошад;
- даъватҳои оммавӣ ба амалӣ кардани кирдорҳои нишондодашуда ё ки паҳнкунии оммавии маводҳои айнан экстресмистӣ, баробар бо истеҳсолкунӣ ё ки нигоҳдорӣ бо мақсади паҳнкунии оммавии онҳо;
- айбдоркунии оммавии айнан бардурӯғи шахси ишғолкардаи вазифаи давлатии Федератсияи Россия ё ки вазифаи давлатии субъекти Федератсияи Россия, ҳангоми аз ҷониби ӯ иҷро карда шудани ӯҳдадориҳои мансабии худ, ки дар моддаи мазкур нишон дода шудаанд ва ҷиноят мебошанд;
- ташкилкунӣ ва омодакунии кирдорҳои нишондодашуда, инчунин фитнаангезӣ барои содир карда шудани онҳо;
- маблағгузории кирдорҳои нишондодашуда ё ки мусоидати дигар дар ташкилкунӣ, омодакунӣ ва содиркунии онҳо, аз он ҷумла бо роҳи пешкашкунии асосҳои таълимӣ, полиграфӣ ва моддӣ-техникӣ, намуди телефонӣ ва ғайраи алоқа ё ки расонида шудани хизматрасониҳои иттилоотӣ

## ФАЪОЛИЯТИ ТЕРРОРИСТӢ

ИН фаъолияте, ки: ташкилкунӣ, банақшагирӣ, омодакунӣ, маблағгузорӣ ва амаликунии амалиёти террористӣ; иғвокунӣ ба амалиёти террористӣ; ташкилкунии ташкилоти ғайриқонуни мусаллаҳ, ҷамъияти ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ), гурӯҳи муташаккил барои амаликунии амалиёти террористӣ, баробар бо иштирок дар чунин сохтор; ҷалбкунӣ, мусаллаҳгардонӣ, омӯзиш ва истифодабарии террористон; мусоидати иттилоотӣ ё ки ғайра дар тарҳрезӣ, омодакунӣ ё ки ба амал баровардани амалиёти террористӣ; ташвиқоти ғояҳои террористӣ, паҳнкунии маводҳо ё ки иттилооти даъваткунанда ба амаликунии фаъолияти террористӣ ё ки асоснокkунанда ё ки сафедкунании зарурияти амаликунии чунин фаъолиятро дарбар мегирад.



## ҶАВОБГАРӢ

- барои ташвиқот ё ки намоишдиҳии оммавии аломатҳо ё ки нишонаҳои натсистӣ, ё ки аломатҳо ё ки нишонаҳои ташкилотҳои экстремистӣ, ё ин ки аломатҳо ё ки нишонаҳои дигар, ташвиқот ё ки намоишдиҳии оммавии онҳо бо қонунҳои федералӣ манъ карда шудаанд
- барои барангехтани адоват ё ки душманӣ, баробар поймолкунии обрӯи одамӣ
- барои истеҳсолкунӣ ва паҳнкунии маводҳои экстремистӣ

ҷаримаи маъмурӣ

### Ҷиноятҳои самти террористӣ

### Ҷиноятҳои самти экстремистӣ

(моддаҳои Кодекси ҷиноятии РФ аз 13 июни соли 1996 № 63-ФЗ)

**Моддаи 205** — **маҳрумнамоии умрбодӣ аз озодӣ**
Амалиёти террористӣ

**Моддаи 205.1** — **маҳрумнамоии умрбодӣ аз озодӣ**
Мусоидат ба фаъолияти террористӣ

**Моддаи 205.2** — **маҳрумнамоӣ аз озодӣ то 7 сол***
Даъватҳои оммавӣ ба амаликунии фаъолияти экстремистӣ ё ки сафедкунии оммавии терроризм

**Моддаи 206** — **маҳрумнамоии умрбодӣ аз озодӣ**
Гаравгонгирӣ

**Моддаи 207** — **маҳрумнамоӣ аз озодӣ то 10 сол**
Хабардиҳии айнан бардурӯғ оиди амалиёти террористӣ

**Моддаи 208** — **маҳрумнамоӣ аз озодӣ то 20 сол**
Ташкилкунии ташкилоти ғайриқонуни мусаллаҳ ё ки иштирок дар он

**Моддаи 280** — **маҳрумнамоӣ аз озодӣ то 5 сол***
Даъватҳои оммавӣ ба амаликунии фаъолияти экстремистӣ

**Моддаи 282** — **маҳрумнамоӣ аз озодӣ то 6 сол**
Барангехтани адоват ё ки душманӣ, баробар поймолкунии обрӯи одамӣ

**Моддаи 282.1** — **маҳрумнамоӣ аз озодӣ то 10 сол***
Ташкилкунии ҷамъияти экстремистӣ

**Моддаи 282.2** — **маҳрумнамоӣ аз озодӣ то 10 сол***
Ташкилкунии фаъолияти ташкилоти экстремистӣ:

**Моддаи 282.3** — **маҳрумнамоӣ аз озодӣ то 10 сол**
Маблағгузории фаъолияти экстремистӣ

*** бе ҳуқуқи ишғол кардани вазифаҳои муайян**

**! муҳлатҳои максималии ҷазо нишон дода шудаанд**